Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 014 назди
Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
бо суроғаи 734067, ш. Душанбе, кучаи Нахимов 64/14

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Назаров Муродалӣ Солиҳович дар мавзуи "Тафриқабандии минтақавии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) пешниҳод шудааст.**

Раванди мураккаб дар солҳои охир бо вазъи иҷтимоӣ ва тафрикагузории маҳаллии аҳолӣ алоқаманд аст. Ба вуҷуд овардани низоми назорати сатҳи зиндагии аҳолӣ барои таъминоти саривақтии маълумоти оиди ин масъалаҳо зарур мебошад. Зеро усулҳои мавҷудаи баҳодиҳии сатҳи зиндагии аҳолӣ дар минтақа имкони пурраи таҳлили вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва муайянсозии мушкилоти камбизоатиро дар шароити имрӯза фароҳам намеорад. Имрӯзҳо фарқияти сатҳи зиндагии аҳолӣ дар минтақа аён буда, на ҳама паҳлуи сифати зиндагӣ, ки аз фаъолияти анъанавии минтақаҳо ва аҳолии деҳот бармеояд, дар методологияи муайянсозии сатҳи камбизоатӣ ва зиндагӣ ворид карда шудааст. Зеро барои устувор гардонидани низоми тафриқабанди дар минтақаҳои мамлакат зарурият ба вуҷуд меояд, ки ин низом бозҳам устувор карда шавад аз ҷумла дар минтақаҳои вилояти Хатлон зеро, ки вилояти Хатлон аз лиҳози кишоварзи масоҳати калонро ишғол менамояд метавон тамоми соҳаҳоро саноати сабукро рушд дод.

Мушкилотҳои ҷойдошта, зарурати омузиши ҷанбаҳои таҳлилии назарияви ва амалӣ сатҳу сифати аҳолиро дар минтақа муаян намуд, ки дар кадом сатҳ қарор дорад аммо зиндагии аҳолии минтақа руз то руз хуб шуда истодааст, ин шаҳодат аз он медиҳад, ки аҳолии қобили меҳнат ба ин ё он шуғл машғул мебошад. Ҳамаи таснифот ва далелҳои зикршуда мувофиқи мавзуи интихобкардаи автореферaтро муайян намуда, рузмарра ва зарурӣ будани аҳамияти амалӣ-арзиши онро тасдиқ мекунад.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки истифодаи ин усул барои минтақа зарури ва саривақти дониста мешавад зеро, ки вилояти Хатлон яке аз вилоятҳои калони ҷумҳури Тоҷикистон дониста мешавад.

Дар қатори бартариятҳои дар автореферат ҷойдошта баъзе тавсияҳо ва пешниҳодҳо карда мешавад, ки ба манфиати кор аст:

1. Хуб мешуд, ки муаллиф дар ҷадвали якуми автореферат (с.11-12) ақидаи худро бозҳам васеътар шарҳ медод.

Пешниҳоди баррасигардида хусусияти тавсиявӣ дошта мазмуни автореферартро коста намегардонад. Дар маҷмуъ, кори илмии таҳқиқшаванда мустақилона буда, ба пурраги анҷомёфта мебошад ва навгониҳои илмӣ-амалиро дар худ инъикос менамояд.

Умуман автореферати диссертатсия дар мавзуи "Тафриқабандии минтақавии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)", аз руи натиҷаҳои илмии худ ба бандҳои Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) мувофиқат мекунад ва муаллифи он Назаров Муродалӣ Солиҳович арзандаи дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

номзади илмҳои иқтисодӣ,мудири кафедраи андоз ва андозбанди факултети гумрук ва таҳлили иқтисоди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Холов Т.А.

Суроға:Ҷумҳурии Тоҷикистон,вилояти Хатлон
735140______________________________
Телефон: 93-387-00-01
kholov. tojiddin @. mail.ru

Имзои н.и.и., Холов Т.А.-ро тасдиқ мекунам

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсус Шукурзода Ҷ.А.